# Суратмаҷлиси №53

# Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-048-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

аз «20» июни соли 2026 ш. Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 20- уми июни соли 2026, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, Раҳматуллоҳзода Ш.Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA-048, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2026, таҳти №85/шд тасдиқ гардидааст, 16 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд: (Комилӣ А.Ш., Маҷидов Ҳ., Холназаров С., Ойматова Ҳ.Х., Абдураҳимов А.О.).

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори чунин пешниҳод

аст? Тарафдорон- 16 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи ошкорои рисолаи номзадии Каримзода Аҳлиддин Назир дар мавзуи «Ташаккули тафаккури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика).

Диссертатсия дар кафедраи физика ва география ва информатика ва технологияҳои рақамии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаби дарёфти дараваи илмӣ: Олимӣ Ашуралӣ Рамазон** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи физика ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Шерматов Дусназар Саидович** – доктори илмҳои физика-математика, профессори кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

**2. Гулаев Ибодулло Хоҷаназарович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.

2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои педагогӣ Раҳматуллоҳзода Ш.Р. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.

3. **Унвонҷӯ:** Каримзода Аҳлиддин Назир мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Раҷабов Т.Б., Файзализода Б.Ф. ва Сафаров Ҷ., ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ **Олимӣ Ашуралӣ Рамазон** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи физика ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара шунида шуд.

**Тақризи муассисаи пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Каримзода А.Н. бо имзои раиси ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи мошинҳои ҳисоббарор, системаҳо ва шабакаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Восидов Ш.Ю., ташхисгар, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Истамов Ф.Х. ва котиби ҷаласа, Одинаева С.Э омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. аз 8-уми майи соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Каримзода Аҳлиддин Назир дар мавзуи «Ташаккули тафаккури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика) сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Шерматов Дусназар Саидович** – доктори илмҳои физика-математика, профессори кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

2. **Гулаев Ибодулло Хоҷаназарович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Ҳайётзода Қ.Э. ворид шудаанд:

1. Назаров А.П. – д.и.п., профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, вале ду эрод зикр шудааст:

- дар автореферат имкониятҳои истифодаи платформаҳои мобилӣ ҳангоми моделсозии виртуалӣ ба таври васеъ инъикос наёфтаанд;
- зарурати мушаххас намудани таносуби байни озмоишҳои воқеӣ ва виртуалӣ дар барномаи таълимӣ эҳсос мешавад.

2. Юсупов Ш.Т. Д.и.тех., профессори кафедраи химияи технологии Филиали МДТБФ ТО «Донишгоҳи давлатии техникии Самарқанд». Тақриз мусбат арзёбӣ шуда, эрод надорад.

3. Муродзода Ш.С. – н.и.п., дотсенти кафедраи технологияи инфрматсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тақриз мусбат аст, вале якчанд нукта ба ҳайси эрод пешниҳод шудааст.

- дар таҳқиқот баъзе меъёрҳои интихоби гуруҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ ба таври муфассал шарҳ дода нашудааст;
- дар баъзе ҳолатҳо тавсифи механизми татбиқи моделҳои виртуалӣ ва пайдарҳамии истифодаи онҳо дар раванди таълим мушаххастар пешниҳод шуданаш мувофиқи мақсад мебуд;

- натиҷаҳои таҳлилҳои оморӣ метавонистанд бо шарҳу муқоисаи амиқтар пешниҳод гарданд;

4. Холов А.А. – н.и.п., мудири кафедраи физикаи тиббӣ ва информатика ба номи С. Ситамови Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. Тақриз мусбат аст, вале се нуктаро ба сифати эрод пешниҳод кардааст:

- муаллиф фарзияҳоеро, ки қабул намудааст, дар бобҳои алоҳида то чӣ андоза онҳо тасдиқи худро ёфтаанд, маълумоти мукаммал пешниҳод нашудааст;
- айнан бо ҳамин мазмун дар доираи мухолифати педагогӣ дар бобҳои алоҳида, яъне чӣ гуна онҳо ба асос гирифта шудаан, низ маълумотҳо дар умум оварда шуда, оиди ин мавзӯъ муқоисаҳо камтар ба назар мерасад;
- дар баъзе ҳолатҳо хатоҳои имлоӣ дар матни русӣ вуҷуд доранд.

5. Қадамов Қ.Х. – н.и.п., дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев. Тақриз мусбат мебошад, вале дар он баъзе эродҳо зикр шудаанд:

- дар матни автореферат баъзе такрори фикрҳо ба мушоҳида мерасад, ки ихтисор ва ҷамъбасти онҳо метавонад ба равонии услуби нигориш мусоидат намояд;
- ба назари мо беҳтар мебуд, агар муаллифи диссертатсия баъзе истилоҳоти илмии соҳа (аз қабили “моделсозии виртуалӣ”, “тафаккури системавӣ’’)- ро дар қисмати муқаддима мухтасар ва дақиқтар таъриф медод;
- дар матни автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои услубӣ, имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

6. Қурбонова У.Т. – н.и.п., муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамии Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат медошад, вале ду нуктаро ҳамун эрод пешниҳод каржааст:

- дар автореферат робитаи байни мафҳумҳои «тафаккури системавӣ» ва «салоҳияти касбӣ» пурра дида намешавад ва тавзеҳи амиқтари ин ҳамбастагӣ метавонад арзиши назариявии корро боз ҳам тақвият бахшад;
- дар рисола баъзе хатоҳои имлоӣ вуҷуд дорад ва ислоҳи онҳо боиси сифати хуби автореферат мегардад.

Ҳамаи тақризҳои воридшуда мусбат буда, баъзе пешниҳодҳо, ки дар ин тақризҳо қайд шудаанд хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Каримзода А.Н. пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Каримзода А.Н. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: дотсент Файзализода Б.Ф., профессор Ҷуразода Х.Ш., ва дотсент Мавлоназаров С.С. интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 16 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм-мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон – 16 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи

таълими физика) **тақризи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295),

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Баромад ва муҳокимаи диссертатсияи Каримзода Аҳлиддин Назир дар мавзуи «Ташаккули тафаккури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Шерматов Дусназар Саидович** – доктори илмҳои физика-математика, профессори кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва **Гулаев Ибодулло Хоҷаназарович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Каримзода Аҳлиддин Назир дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Каримзода Аҳлиддин Назир аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика)-ро дастгирӣ намуда, барои ба Каримзода Аҳлиддин Назир додани дипломи дараҷаи илмии номзади илм мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 16 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **СаттороваА.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Раҳматуллоҳзода Ш.Р.**
“_20_”___06___ 2026

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДБ
ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.
ҶМ

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС